**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Юсупов Шоҳин Раҳимбердиевич таҳти унвони “Хусусиятҳои морфологии “Ҷомеъ-ут-таворих” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисос, аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020502 – забони тоҷикӣ)**

Мусаллам аст, ки вижагиҳои морфологии матни осори аҳди бостон дар забоншиносии тоҷик аз масъалаҳои таҳқиқталабу мубрам ба шумор рафта, барои дақику равшан муайян намудани ҳолату раванди таҳаввулоти забон дар марҳилаҳои ҷудогонаи таърихӣ имконияти арзишманду муҳимро фароҳам меоварад. Дар ин росто таҳқиқи хусусиятҳои морфологии “Ҷомеъ-ут-таворих” аз масъалаҳои муҳими забоншиносии тоҷик ба ҳисоб меравад, чун асари мазкур дар радифи муншаоти арзишманди садаҳои XIII – XIV қарор гирифта, вазъи забони ин марҳиларо ба таври басо возеҳ тасвир менамояд ва маҳз барои ҳамин диссертатсияи Юсупов Шоҳин Раҳимбердиевич таҳти унвони “Хусусиятҳои морфологии “Ҷомеъ-ут-таворих” фарогири мавзӯи мубрами илмӣ ба шумор меравад.

Аз матни автореферат чунин бар меояд, ки диссертатсияи Ш. Р. Юсупов аз муқаддима, се боби мантиқан мураттаб ва пайдарҳам, хулоса ва феҳристи адабиёти истифодашуда иборат аст. Дар муқаддима оид ба масъалаҳои мубрам будани мавзӯъ, дараҷаи омӯзиш, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, навгонии илмии таҳқиқот, методология ва методҳои таҳқиқот, моҳияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, нуктаҳои ҳимояшаванда, коркарди мавзӯъ, ҳаҷм ва сохтори диссертатсия маълумот дода шудааст.

Боби якуми диссертатсия хусусиятҳои морфологии ҳиссаҳои номии нутқро дар бар гирифта аз чор фасл иборат аст. Фасли якум фарогири хусусиятҳои грамматикии исм буда, муаллиф ин ҷо роҷеъ ба категорияҳои муайяниву номуайянӣ ва шумораи исмҳо сухан намудааст. Барои собит намудани фикру андешаҳои худ муҳаққиқ мисолҳои ҷолиб ва далелу арқоми асоснокро мисол меорад, ки ин тарзи таҳлил арзишмандии муҳокимаҳои унвонҷӯйро меафзояд. Фасли дуюми боби якум “Хусусиятҳои морфологии сифат” ном дошта, дар фасли мазкур оид ба корбурди сифатҳо ва роҳҳои ифодаи дараҷа сухан меравад. Фасли сеюми боби аввали диссертатсия ба таҳқику баррасии хусусиятҳои морфологии шумора бахшида шудааст. Яке аз нуктаҳои ҷолиби диққат ин аст, ки ба андешаи муаллифи диссертатсия дар забони “Ҷомеъ-ут-таворих” тарзи сохтани шумораҳои тартибӣ ба забони адабии муосири тоҷикӣ басо монандӣ дорад ва ин далели он аст, ки дар давоми чандин даҳсолаҳо махсусан шумораҳои тартибӣ вижагиҳои морфологии худро ҳифз намудаанд. Дар фасли чоруми диссертатсия муҳаққиқ хусусиятҳои морфологии ҷонишинҳоро ба таври муфассал ва бо овардани мисолҳои

ҷолиби диққат таҳлилу баррасӣ намуда, дар мавридҳои ҷудогона бо вижагиҳои морфологии ҷонишин дар осори дигари адибони классикии тоҷик муқоиса менамояд, ки ин тарзи таҳқиқ сифати кори илмиро бамаротиб боло мебарад.

Боби дуюм ба таҳқиқи хусусиятҳои морфологии феъл ва зарф бахшида шуда, он ду фаслро дар бар мегирад. Дар фасли аввали ин боб шакл, сиға, асосҳои феъл ва хусусиятҳои корбурди навъҳои сохтории феълҳои "Ҷомеъ-ут-таворих" ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст. Хулосабарориҳои муҳаққиқ мӯшикофона, дақиқ ва бодалелу арзишманд оварда шудааст. Дар фасли дуюми боби дуюм муҳаққиқ хусусиятҳои морфологии зарфро ба таври муфассал таҳлилу баррасӣ намудааст. Дар ин миён муҳаққиқ зарфҳои дар асари мавриди таҳқиқ ҷойдоштаро аз рӯйи маъно ва вазифаи грамматикӣ ба гурӯҳҳои махсус аз қабили зарфҳои тарзи амал, миқдору дараҷа, замон, макон, сабаб ва мақсад тақсим намудааст, ки ин тарзи таҳқиқ низ ҷолиби диққат аст. Дар баробари ин муҳаққиқ оид ба хусусиятҳои сарфии ҳар як намуди зарф ба таври мушаххас ва бо мисолҳои ҷолибу муассир ибрози назар намудааст.

Боби сеюми диссертатсияи Юсупов Ш. Р. бо унвони "Хусусиятҳои морфологии ҳиссаҳои ёвар" ба таҳқиқу таҳлил ва баррасии вижагиҳои морфологии пешоянду пасоянд, пайвандак, ҳиссача ва нидо бахшида шуда, барои исботи фикри худ муҳаққиқ бо истифода аз маводи "Ҷомеъ-ут-таворих" мисолҳои басо ҷолиб меоварад. Унвонҷӯй тавонистааст, ки дар боби мазкур маводи басо фаровон ва арзишмандро фароҳам оварда, дар асоси хусусиятҳои морфологии ҳиссаҳои ёвар маводи ҷамъоваришударо нуктасанҷона тасниф ва баъдан таҳлилу таҳқиқ намояд. Дар мавридҳои ҷудогона муҳаққиқ тавонистааст, ки хусусиятҳои ҳиссаҳои ёварро дар марҳилаҳои ҷудогонаи таърихӣ муқоиса намояд ва таҳлил созад.

Дар хулосаи диссертатсия аз таҳқиқоти гузаронидашуда дар бандҳои ҷудогона натиҷагирӣ шудааст, ки мухтавои бобу фаслҳои диссертатсия дар хулоса ба пуррагӣ инъикос ёфтааст.

Тартиби ишораи адабиёт мутобиқ ба талаботи муқаррарнамудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, аннотатсияи диссертатсия бо се забон: тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ дар охири матни автореферат оварда шуда, мухтавои асосии таҳқиқоти докторант (PhD)-ро ба таври фарогир ифода менамояд.

Дар баробари дастовардҳои назаррасу арзишманд дида мешавад, ки дар матни автореферат баъзе норасоиҳо мавҷуданд ва ба андешаи мо зикри онҳо ба манфиати кори илмӣ аст:

1. Муҳаққиқ дар мавридҳои муайян ибрози ақида намуда, андешаҳои худро бо далелу мисолҳои ҷолиб аз асари мавриди таҳқиқ меоварад, вале дар ҳолатҳои ҷудогона мисолҳо оварда нашудаанд ва гоҳо мисолҳои овардашуда нокифоя ба нзар мерасанд.

2. Дар саҳифаҳои ҷудогонаи автореферати диссертатсия ғалатҳои китобатӣ (саҳ. 5, 9, 13, 16, 19, 22) ва имлоӣ (4, 6, 10, 14, 18, 21, 22) ба назар мерасанд.

Эродҳои овардашуда ҷузъӣ буда, арзиши илмии таҳқиқоти мазкурро коҳиш намедиҳанд. Дастовардҳои илмӣ дар диссертатсияи мазкур арзишманду назаррасанд ва муҳаққиқ ба ҳадафҳои муайяннамудаи хеш муваффақ шудааст.

Бинобар ин гуфтан месазад, ки диссертатсияи Юсупов Шоҳин Раҳимбердиевич дар мавзӯи "Хусусиятҳои морфологии "Ҷомеъ-ут-таворих" ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй аст ва муаллифи диссертатсия ба дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисос, аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020502 – забони тоҷикӣ) сазовор аст.

Сардори раёсати робитаҳои байналмилалии
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,
доктори илмҳои филологӣ Мухторов
Зайниддин Мухторович

30.11.2020
734025, ш. Душанбе, кӯч. Саид Носир 33
Тел/факс (99237) 228 91 51
mukhtorov67@gmail.com
(+992) 907 80 18 22

Имзои З. М. Мухторовро тасдиқ мекунам,
Сардори Раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва корҳои махсуси
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ф. Сӯфиев